Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

20 ноябри соли 2002. Чоршанбе № 90 (12832)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Дар бораи иштироки Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар саммити НАТО-Шӯрои шарикии Авроатлантика

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар кори саммити НАТО-Шӯрои шарикии Авроатлантика иштирок мекунад, ки дар шаҳри Прага 21-22 ноябри соли 2002 ба амал меояд.

## Ба иштирокдорони вохӯрии аввалини вакилони парлумонҳои мамлакатҳо—узви Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ»

Дӯстони азиз!

Шумоёнро бо вохӯрии аввалини вакилони парлумонҳо—узви Ташкилоти «Ҳамкории Марказӣ», ки дар таърихи муносибатҳои мутақобила байни давлатҳоямон, рушду таҳкими равобити ҳамгароии серҷанба дар минтақа саҳифаи навро боз намудааст, аз самими қалб муборакбод менамоем.

Вусъати минбаъдаи ҳамкории байнипарлумонии мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ ба самтҳои устувори сиёсати берунаи давлатҳоямон, аҳду паймоне, ки байни мо ба даст омадааст, манфиатҳо ва орзуву омоли чор халқи бародаре, ки решаву анъанот ва фарҳанги умумии таърихиро соҳиб аст, пурра мувофиқат мекунад.

Гузаронидани чунин анҷумани сернамояндаи вакилони парлумонҳои мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ аз рушди муназзами равобити байниҳамдигарии ба ҳам муфид ва мунтазам ҷустуҷӯ намудани шаклҳои нав ба нави муносибатҳои байнидавлатӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ба таҳкими сулҳу осоиш ва дӯстӣ дар минтақа нигаронда шудаанд.

Қарор ёфтан ва рушди парламентаризм дар мамлакатҳоямон дар шароити мураккаб ва ба худ хоси таърихӣ, дар алоқамандии муборизаи бардавоми халқҳоямон барои озодӣ, демократия ва ҳуқуқҳои инсон гузашт. Ғояи ҳокимияти халқӣ, ки мутафаккирони беҳтарини халқҳои Осиёи Марказиро дар бадали бисёр садсолаҳои гузашта ба фикррони маҷбур сохтааст, танҳо баъди ба даст омадани мустақилияти давлатҳо дар ҳаёт татбиқи худро пайдо намуд. Аз намояндагии расмӣ то парламентаризми воқеӣ ин роҳест, ки мақомоти олии ҳокимияти қонунбарории мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ дар фурсати кӯтоҳи таърихӣ тай намудааст.

Имрӯзҳо парлумон чун яке аз муассисоти муҳими давлат дар ислоҳсозии ҷамъият дар асоси усулиятҳои демократия ва волоият доштани қонун нақши бузург мебозад. Санадҳои қонунгузорие, ки дар солҳои рушди мустақилона қабул гардиданд, кафолатгари боэътимоди ҳуқуқии соҳибихтиёрии давлатҳо ва сохтмони ҷамъияти нав гардиданд.

Алҳол тамоми масъалаҳои калони давлатӣ тавассути парлумон ҳаллу фасл мегарданд, ки намояндагони қувваҳои мухталифи сиёсӣ ва табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ мебошанд. Дар шуури шаҳрвандон беҳуда ҳақиқати мазкур—ҳокимияти ҳақиқатан халқӣ бидуни парламентаризм, бидуни имконияти воқеии иштирок дар идораи давлат тавассути намояндагони худ дар мақомоти олии ҳокимияти қонунбарорӣ буда наметавонад, қатъан қарор наёфтааст.

Мо вакилони парлумонҳои мамлакатҳоямонро ба равобити фаъолонаи байнипарлумонӣ оид ба масъалаҳое, ки баҳри манфиати ҳамдигарианд, амалӣ гардондани мониторинги ба рӯи об баровардани қарорҳое даъват мекунем, ки дар доираи Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» қабул гардидаанд.

Мо ба он эътимод дорем, ки дарки коллективонаи таҷрибаи амалии корҳои парлумоние, ки дар мамлакатҳоямон андӯхта шудаанд, имконият медиҳад, ки комёбиҳо ва камбудиҳоямонро беҳтар ҳис кунем, шаклу усулҳои нави фаъолияти қонунбарориро дарёбем ва ба тамоюлоти замонавии рушди мақомоти олии ҳокимияти қонунбарорӣ возеҳу равшан назар афканем.

Кори босамарро ба шумоён ба хотири фаровонии халқҳоямон ва рушди давлатҳоямон, комёбиҳоро дар фаъолияти парлумониатон таманно дорем!

**Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон Н.НАЗАРБОЕВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Қирғизистон А.АКАЕВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Э.РАҲМОНОВ.**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.КАРИМОВ.**

## Конфронси байналхалқӣ

Дар Тошканд ҳафтаи гузашта дар тӯли ду рӯз конфронси байналхалқӣ таҳти унвони «Пахта-муҳаррики пешрафти иқтисодӣ. Ӯзбекистон—соли 2002» ба амал омад. Созмондиҳандагони он ҳукумати мамлакати мо якҷоя бо Қумитаи байналхалқии машваратӣ оид ба пахта, Ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул ва дигарон буданд. Иштирокдорони конфронс дар се гурӯҳ тақсим гардида, масъалаҳои «Вазъи кунунӣ ва пешомадҳои рушди бозори ҷаҳонии нахи пахта», «Вазъи кунунии саноати пахтаи Ӯзбекистон», «Саноати ҷаҳонии бофандагӣ ва нақши сармояҳои хориҷӣ дар рушди саноати пахтаву бофандагии Ӯзбекистон». « Логистика ва суғурта дар савдои пахта», «Рушди саноати пахта ва бофандагӣ дар мамолики Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар кори конфронс қариб 200 нафар меҳмони хориҷие иштирок намуданд, ки намояндагони саноати ҷаҳонии пахтаву бофандагӣ, ширкатҳои нақлиётӣ, бонкҳои номдор буданд, ки онҳоро барҳақ ситораҳои соҳаи мазкур номидан мумкин аст.

Дар назди иштирокдорони конфронс ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Элёр Ғаниев суханронӣ карда, аз хусуси бурду бохти соҳаи мазкур дар ҷумҳурият нақл кард. Аз он ҷумла баён гардид,ки Ӯзбекистон аз ҷиҳати ҳатмӣ тайёркунии пахта аз байни панҷ мамлакати пешқадами ҷаҳон ҷо пайдо кардааст. Ба бозори ҷаҳонӣ нахи аълосифат фиристода мешавад. Солҳои охир бо кӯмаки сармоягузорони хориҷӣ саноати сабуки мо рӯ ба инкишоф ниҳод. Азнавкоркарди маҳсулот ва омода сохтани маҳсулоти тайёр ҳаҷман хеле афзуд. Дар ҷумҳурият мақсад аз 20 ба 50 фоиз расондани азнавкоркарди пахта пешбинӣ гардидааст.

Аз ин рӯ Ӯзбекистон беҳуда ҷои гузаронидани конфронс интихоб нагардидааст.

Иштирокдорони конфронс дар хусуси роҳҳои минбаъда беҳтар кардани фурӯши нахи пахтаву маҳсулоти бофандагӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён намуда, як қатор тавсияҳоро пеш гузоштанд ва он таассуроти калоне бахшид.

**(Хабарнигори мо)**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 18 ноябр дар қароргоҳи Оқсарой Раиси Маҷлиси парлумони Қазоқистон Жарманхон Туякбой, Раиси Маҷлиси қонунбарорӣ Абдиган Эркебаев ва ҷонишини Раиси Маҷлиси намояндагони халқи Жокоргу Кенеши Қирғизистон Соoронбой Жээнбеков, Раиси Маҷлиси Миллӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев ва раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Сайдулло Хайруллоевро пазируфт.

Сарварони парлумони давлатҳои ҳамсоя ба мамлакати мо барои иштирок ба саммити парлумонҳои Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» омада буданд. Бояд зикр намуд, ки ҳангоми мулоқоти сарварони мамлакатҳои минтақа дар бораи ташкили чунин анҷуман бисёр ҳарф зада шуда буд, вале то ҳол дар бобати амалӣ гардондани ғояи мазкур ягон қадаме ба пеш гузошта нашуд. Дар саммити охирин, ки 5-6 октябри соли ҷорӣ дар Душанбе баргузор гардид, бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов аҳду паймон дар бобати ташкил кардани саммити вакилони парлумонҳо дар Тошканд ба даст омад.

Ислом Каримов меҳмононро бо сафарашон ба мамлакати мо хайрамақдам гуфта, зикр намуд, ки вохӯрии мазкур на танҳо барои мамлакатҳои узви Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ», балки барои тамоми давлатҳои минтақаамон аҳамияти калон дорад.

—Вохӯрии сарварони парлумонҳо дар як давра худаш ин кори ниҳоят калон аст,—гуфт Президенти мамлакатамон.—Моҳиятан талаб ба чунин саммит ниҳоят калон аст.



Парлумон дар ҳаёти мамлакатҳо нақши калон дорад. То ҳол дар ин ё он мамлакат анҷуманҳои минтақавӣ ба дараҷаи воломақом гузаронда шуданд. Вале дар хотир надорем, ки сарварони парлумонҳо др як давра ҷамъ омада бошанд. Дар айни замон дар рушди ҳамгароии иқтисодии минтақа, равобити сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва дигар равобит мақомоти қонунбарорӣ аҳамияти бузург касб менамоянд.

Ҳамкории мустаҳками онҳо барои босамарии равобити байниҳамдигарӣ ба ҳар кадом соҳа мусоидат мекунад. Ва ин ҳақиқат исботро талаб намекунад.

Ҳангоми вохӯрӣ оид ба масъалаҳои рушди равандҳои ҳамгароии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, такмил додани асосҳои ҳуқуқии ҳамкории серҷанба, вусъати равобити байнипарлумонӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ӮзА).**

## Вохӯрии вакилони парлумонҳои мамлакатҳои узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ

Дар Тошканд 18 ноябр вохӯрии аввалини вакилони парлумонҳои мамлакатҳо—узви Ташкилоти «Ҳамкории Осиёи Марказӣ» ба амал омад. Барои иштирок ба анҷуман сарварони мақомоти олии ҳокимияти қонунбарории Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, намояндагони кумитаҳо ва дастгоҳҳои парлумонҳои ин мамлакатҳо омаданд.

Матни муборакбодии президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистонро, ки ба унвони иштирокдорони вохӯрӣ ирсол гардида буд, Раиси Олий Маҷлис Э.Халилов хонда дод.

Оид ба қарор ёфтан ва рушди парламентаризм дар мамлактҳои худ Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э.Халилов, Раиси Маҷлиси парлумони Ҷумҳурияти Қазоқистон Ж.Туякбой, Раиси Маҷлиси қонунбарории Жокоргу Кенеши Ҷумҳурияти Қирғизистон А.Эркебаев, Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон М.Убайдуллоев маърӯза карданд. Сарварони парлумонҳо зикр намуданд, ки дар фурсати кӯтоҳи таърихӣ ҳокимияти олии қонунбарорӣ дар давлатҳои ҷавони Осиёи Марказӣ роҳи бузургро аз намояндагии расмӣ то парламентаризми воқеӣ тай намуданд. Ба даст омадани мустақилияти давлатӣ ба парлумонҳои миллӣ имконият дод, ки аз муассисоти муҳими ҳокимияти халқӣ гарданд. Дар солҳои рушди мустақилона қабул гардидани санадҳои қонунгузорӣ кафолатгари боэътимоди ҳуқуқии бунёди ҷамъияти нав дар давлатҳои мустақили Осиёи Марказӣ гардид.

Оид ба масъалаи «Ҳамкории байнипарлумонии мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ: воқеият ва пешомад» дар мулоқот ҷонишини Раиси Маҷлиси намояндагони халқи Жокоргу Кенеши Ҷумҳурияти Қирғизистон С.Жээнбеков, раиси Кумитаи оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсияҳои Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон Й.Аҳмадов, раиси Кумитаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба корҳои байналхалқӣ ва равобити байнипарлумонӣ Э.Воҳидов суханронӣ карданд. Зикр гардид, ки ҳамкории байнипарлумонии мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ талаби ҳаёт буда, шакли бештар истифода бурдашудаистодаи муносибатҳои байнидавлатҳо мебошад. Омӯзиши байниҳамдигарии таҷрибаи мақомоти ҳокимияти қонунбарории мамлакатҳоямон алҳол вақте ки натиҷаҳои муайяни рушди мустақилонаи давлатҳои мустақилро ҷамъбаст кардан мумкин аст, аҳамияти махсус касб мекунад. Дар асоси умум гардондан ва таҳлили таҷрибаи коллективона масъалаҳои пурзӯр кардани муассисоти парламентаризми миллӣ ва нақши таъсирбахшии онро дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба осонӣ ҳаллу фасл кардан мумкин мегардад.

Ҳангоми вохӯрӣ аҳду паймон дар бобати созмон додани муассисоти ҳамкории байнипарлумонӣ-Машварати вакилони парлумонҳои мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ ҳосил гардид. Таклифҳо дар бораи рушди чунин шакли ҳамкории байнипарлумонӣ, аз қабили мубодилаи байниҳамдигарии иттилооте, ки ба фаъолияти парлумонҳо алоқаманд ҳастанд, вохӯриҳо дар дараҷаи сарварони палатаҳо, кумитаҳо ва комиссияҳо, кормандони масъули дастгоҳҳои мақомоти олии ҳокимияти қонунбарорӣ пеш гузошта шуданд.

Ҳангоми муҳокима қонунбаророни чор давлати бародарӣ роҳҳои вусъату таҳкими минбаъдаи ҳамкории байнипарлумониро муҳокима намуданд. Иштирокдорони вохӯрӣ ба фикри ягона дар ин бобат омаданд, ки ҳамкории вакилони парлумонҳои мамлакатҳо—узви Ҳамкории Осиёи Марказӣ шакли муҳими таҳкими дӯстӣ байни халқҳоямон ва давлатҳоямон, сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Мавзӯи муҳими рӯз

## Тамоюли ҳаматарафаи демократия

**«Имрӯз бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки ислоҳот дар Ӯзбекистон хусусияти бебозгашт пайдо намуд. Онҳоро ҳоло дигар ақиб гардондан номумкин мебошад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки инсоне тағйир ёфт, ки дар мамлакати мо зиндагӣ мекунад, тафаккури ӯ тағйир ёфт, муносибати вай ба ҳаёт, ба тамоми он чӣ ки дар атрофи вай ба вуҷуд меояд, дигар шуд».**
**Ислом Каримов.**

Маърӯзаи Президенти Ӯзбекистон дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлиси ҷумҳурият даъвати дуюм «Самтҳои асосии минбаъда амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон» ном дошт. Аҳамияти суханони «демократия», «ҷамъияти шаҳрвандӣ» моҳияти асосии маърӯзаро ташкил медиҳад, ки ба пешрафт нигаронда шудааст. Агар мухтасар баён кунем, фикри асосӣ ба навсозӣ (натиҷаҳо), навсозӣ (вазъият) ва бори дигар ба бозсозӣ (пешомад) нигаронда шудааст.

Мо қатъан, дар як ҷо по накӯфта, бояд ба дараҷаи нави пешрафт бароем. Яъне, аз вазъи дирӯза, дараҷаи комёбиҳо ҳаргиз қонеъ нагардем.

Демократия на танҳо усулияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва маънавӣ, балки дар айни замон тамоюли универсалии пешрафт бояд бошад. Боз ҳам амиқан татбиқ намудани усулияту андозаҳои демократӣ ташаббуси иҷтимоии эҷодии халқро боз ҳам пурзӯртар мегардонад. Агар ба фаъолнокии сиёсӣ, ташаббуси одамон такя накунем, дар он сурат таҳдидҳо ба вуҷуд меоянд, аз сабаби набудани мувозанати демократӣ мазмуну амалияи қонунҳо ба қадри кофӣ боэътимоду ҳаётӣ намегарданд.

Чуноне ки сарвари давлатиамон зикр намудаанд, бар асари он оқибатҳои манфӣ, зуҳуроти салбӣ сар заданаш мумкин аст, ки охиру оқибат эътирози халқро дар соҳаи идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, дар соҳаи ҷамъияту мафкура ба вуҷуд меоварад.

Озодии сухан ва матбуот яке аз нишонаҳои муҳими давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошад. Дар маърӯзаи Президент махсусан зикр гардидааст:**«фикр мекунам, матбуоти воқеан демократӣ наметавонад ва набояд бо ишора зиндагӣ кунад, бояд дар ченаки воқеӣ ҳаёт ба сар бурда, масъалаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳаёти сиёсиро ба миён гузошта, он масъалаҳоеро, ки аҳолиро бефарқ намегузоранд, ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта, ба онҳо баҳои танқидӣ ва дар баробари он ба қарорҳо ва фаъолияти сохтори ҳукуматӣ ва идоравӣ баҳои холис диҳад».** Аз ин рӯ дар саҳифаҳои матбуоти ватани худӣ мо бояд ҳаллу фасли конструктивии муаммоҳоро пеш гузорем. Дар акс як қатор «дӯстони ғамхор» муаммоҳои мавҷударо бо назардошти манфиатҳои хеш тавзеҳ медиҳанд.

Аз ин мебарояд, ки дар ҳаёт татбиқ гардидани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии қабулкардаамонро мо худамон аз нигоҳи танқидӣ, мавқеву азму иродаи ватандӯстӣ арзёбӣ кунем, масоҳати иттилоотиро ба афкору ғояҳои худии конструктивӣ пурра созем. Ва он дар навбати аввал ба тезтару хушсифат ҳаллу фасл кардани онҳо оварда мерасонад. Баъдан, ғояҳои харобиоварро бесамар мегардонад, ки аз мамлакатҳои дуру наздик паҳн мегарданд.

Ҳаллу фасли боз як муаммои устувори имрӯзаву фардоинаамон дар усулияти навсозии **«Аз давлати пурқувват—ба ҷамъияти тавоно»** зоҳир мегардад. Дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолияти Ӯзбекистон кафолатҳои зарурии ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ дода шуданд. Мо бо оинномаҳои як қатор ташкилотҳои ғайридавлативу хайрот шинос гардидем. Дар онҳо вазифаҳои мушаххас оид ба тағйир додани тафаккур, шуури одамон ва ҷамъият пеш гузошта шудаанд. Вале саволи ҳаққонӣ ба миён меояд:оё ҳамаи онҳо вазифаҳои оинномавии худро бомуваффақият ба иҷро мерасонанд? Ба ин савол ҷавоб гардондан душвор аст.

Ба пиндори мо, сабаби асосии он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки сарварони ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар масъалаҳои назариву услубии корҳои мафкуравӣ, таблиғотӣ, оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сиёсиву иҷтимоии оммавӣ васеъ барои ҷалб сохтани онҳо ба идораи давлату ҷамъият кам-андар кам бохабар ҳастанд.

**(Давомаш дар саҳ.2)**

## Анҷумани илмиву амалӣ

Дар Фарҳангистони Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бахшида ба даҳсолагии Қонуни Асосии мамлакатамон анҷумани илмиву амалӣ таҳти унвони «Конститутсия ва муаммоҳои умдаи ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ» ба амал омад. Дар он сарвари Фарҳангистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ӯ.Тоҷихонов, академики ФУ Ӯзбекистон Ш.Ӯразаев, ҷонишини Раиси Суди Олӣ Б.Ҷамолов, вакили Олий Маҷлис оид ба ҳуқуқҳои инсон С.Рашидова, ректори Донишкадаи ҳуқуқшиносии Тошканд М.Рустамбоев, судяи Суди Конститутсионӣ У.Бозоров, раиси Суди Ҳарбии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Т.Мирзоев ва дигарон маърӯзаҳо хонданд.

Зикр ёфт, ки нақши Қонуни Асосӣ дар бобати мустаҳкам кардани мустақилияти мамлакат, ташаккули ҷамъият аз нигоҳи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маънавиву иқтисодӣ ва ахлоқӣ хеле калон аст. Таъсири эҷобии онро дар демократиконии ҳаёт, ташкили ҳокимияти давлатӣ, озодкунии соҳаҳои ҳаёт, навсозии маънавии ҷамъият мебинем.

Ҳаёти иҷтимоӣ дар пойгоҳи муассисоти сиёсӣ, ҳар гуна мафкураву гуногунии фикрҳо босуръат пеш меравад. Серҳизбӣ авҷ гирифта, дар ҳаёти мамлакат нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон торафт назаррас мегардад.

Дар анҷуман фикри мазкур ба алоҳидагӣ зикр гардид: зарур меояд моҳияти серҷонибаи Қонуни Асосӣ ва нақши амалии он дар ҳаётамон ҳаматарафа фаҳмонда, маданияти ҳуқуқии аҳолӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

**(Мухбири худамон).**

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи созмон додани Кенгаши ҷумҳурии бонкӣ

Ба мақсади таъмини минбаъда амиқ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ ва озодкунии низоми бонкӣ, такмил додани қонунгузории бонкӣ, баланд бардоштани дараҷаи ташкил ва босамарии фаъолияти Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, мадад расондан ба рушду арзи амали устуворонаи бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурият:

1. Кенгаши ҷумҳурии бонкӣ созмон дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки Кенгаши ҷумҳурии бонкӣ мақомоти коллегиалии доимоамалкунанда буда, ҳини фаъолияти худ ба Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

2. Вазифаҳои асосии Кенгаши ҷумҳурии бонкӣ инҳо муайян карда шаванд:

таҳияи таклифҳо оид ба ислоҳсозии минбаъда ва озодкунии низоми бонкӣ, такмил додани қонунгузории бонкӣ;

дар асоси таҳлили низоми бонкӣ таҳия намудани тавсияҳо оиди ба вуҷуд овардан ва амалӣ гардондани сиёсати пуливу вомӣ, ки бо меҳиқтисодиёт ва сиёсати буҷа узван алоқаманд ҳастанд, муайян кардани мувофиқат ба вазифаҳои мақсаднок ва самтҳои устувори ислоҳсозии иқтисодиёт ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, қабули барномаҳои маҷмӯъгии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат;

таҳия намудани таклифҳо оиди таъмини мӯътадилии асъори миллӣ, таҳкими низоми пулӣ, маҳдуд сохтани афзоиши пули нақд ва кам кардани муовизаи ғайрибонкӣ, таъмини ҳатталимкони мувофиқати пули нақд ва пули ғайринақд ба муовизаи пулӣ:

амалӣ гардондани тадбирҳои маҷмӯъгӣ оиди таҳкими эътимоди аҳолӣ нисбати низоми бонкӣ, рағбатноксозии ҷалб сохтани маблағҳои пулии аҳолӣ ба амонатҳои бонкҳо, созмон додани механизми пурқуввати кафолатҳои ҳифзи амонатҳои шаҳрвандон;

таҳияи низоми босамари фишангҳои иловагии иқтисодӣ, ки ба фаъол гардидани иштироки бонкҳои тиҷоратӣ дар раванди сармоягузорӣ ва дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёт нигаронда шудаанд;

таҳияи таклифҳо оид ба озодкунии минбаъдаи сиёсати асъор, рушди бозори асъории байнибонкҳо, вусъат додани нерӯи содиротии мамлакат, таъмини мӯътадилу устуворона афзудани захираҳои тиллову асъор, босамар истифода бурдани захираҳои асъории давлат;

таҳияи тадбирҳо оид ба рушду такмил додани низоми бонкии ҷумҳурият ва механизмҳои муносибатҳои байнибонкӣ, баланд бардоштани мустақилияти бонкҳои тиҷоратӣ, боэътимоду устуворона арзи ҳастӣ кардани онҳо, баланд гардондани рейтинги кредитии байналхалқии онҳо, ҳамгароии васеъ ба низоми байналхалқии молиявиву вом.

3. Низом дар бораи Кенгаши ҷумҳурии бонкӣ тасдиқ карда шавад.

4. Ба Вазорати адлия, Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо сохторҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон таклифро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш кунанд, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

5. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон В.Голишев ва раиси Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ф.Муллоҷонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И.КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
15 ноябри соли 2002.

Шарҳи рӯзнома

## Марҳала ба марҳала

### Ба пешвози иҷлосияи даҳуми Олий Маҷлис

Мамлакати мо бо панҷ усулияти пешрафти худ, ки дар саросари олам бо «шакли ӯзбекии тараққиёт» машҳур гардидааст, дилпурона пеш меравад. Яке аз ин усулият роҳи эволютсионӣ, на инқилобӣ ном гирифтааст, ки маънояш марҳала ба марҳала, давра ба давра амалӣ гардондани ислоҳот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт мебошад.

Ва усулияти мазкур дар ҳокимияти қонунбарорӣ ҳам акси худро пайдо мекунад, ки онро аз қарори Кенгаши Олий Маҷлис дар бораи даъват намудани иҷлосияи даҳуми парлумон низ дидан мумкин аст, ки ба қарибӣ дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ эълон карда шуд.

Агар рӯзномаи кори дар пешистодаи иҷлосияи ҳокимияти қонунбарории мамлакатамонро бодиққат наззора кунед, дар он сурат филфавр пай мебаред, ки дар он масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки барои рушди минбаъдаи Ӯзбекистон, оядаи бузургу дурахшон нақши калон мебозанд.

Яке аз масъалаҳо лоиҳаи Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои соли оянда мебошад. Ҳоҷат ба он нест тавзеҳ диҳем, ки буҷа дар ҳаёти мамлакат чӣ гуна нақши калон мебозаду маҳз даромади буҷа яке аз омили муҳим дар бобати пайваста баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, баланд гардидани қудрати мудофиавӣ ва иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад. Чун ҳамешагӣ вакилони халқамон лоиҳаи буҷаро бо назардошти боз ҳам пурзӯр кардани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муназзам тараққӣ додани иқтисодиёт, боз ҳам такмил додани инфрасохтори молиявии иқтисоди бозаргонӣ, низоми андоз мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ҳамчунин пайваста баланд бардоштани музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ, идрокпулӣ, нафақаҳо, кӯмакпулиҳо, ислоҳсозии низоми таълим ва тандурустӣ, бо маблағ фаро гиронданӣ сохтмони асосӣ ва дигар тадбирҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ самти бартариноки буҷа ба ҳисоб меравад ва ба он намояндагони халқ бешак диққату эътибори калон медиҳанд.

Силсилаи дигар масъалаҳое, ки ба муҳокимаи вакилони халқ пешкаш карда мешавад, ба сохтори давлатӣ, аниқтараш ҳокимияти қонунбарории он, Қувваҳои Мусаллаҳ алоқаманд ҳастанд. Аз он ҷумла лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи Сенати Олий Маҷиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон», «Дар бораи Палатаи қонунбарории Олий Маҷлис», «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи хизмат дар захираи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» қироати аввалу таҳрири нав, «Дар бораи омори давлатӣ» (қироати дуюм) мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки марҳала ба марҳала гузаштанро ба давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ таъмин месозанд.

Маълум аст, ки 27 январи соли кунун раъйпурсии умумихалқии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гузаронда шуда, дар он шаҳрвандони мамлакатамон ба саволҳои он дар бораи созмон додани парлумони дупалатагӣ ва дароз кардани мӯҳлати ваколати Конститутсионии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷавоби мусбӣ гардонданд. Дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм, ки 4 апрели соли кунун ба амал омад, Қонуни Конститутсионии «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлат» қабул гардида, ба вакилони халқ, кумитаҳо, комиссияҳои Олий Маҷлис, парлумон ва Кенгаши Олий Маҷлис тавсия гардид, ки лоиҳаи қонунҳо дар бораи Сенат ва Палатаи қонунбарорӣ, яъне давлатҳои болоиву поёнӣ таҳия карда шавад. Ва қонунбаророн аз паи ин кор шуда, лоиҳаи қонунҳои мазкурро таҳия намуданд ва ба муҳокимаи вакилони халқ дар иҷлосияи даҳӯми Олий Маҷлис пешкаш карда мешавад, ки 12 декабри соли кунун ба амал меояд. Дар бораи лоиҳаи қонунҳои мазкур ҳарф задан барвақт аст, чунки он баъди муҳокима дар кумитаву комиссияҳои Олий Маҷлис ба баррасии вакилони халқ пешниҳод карда мешаваду мазмуну моҳияти он маълум мегардад. Вале ҳаминаш аён аст, ки палатаҳои мазкур минбаъд дар бобати қонунбарорӣ нақши калон мебозанд. Аз ин рӯ муносибатҳои мутақобилаи онҳо дар кори қонунбарорӣ, тартиби ба вуҷуд овардани онҳо, муайян кардани миқдори аъзоёни онҳо ва мӯҳлати ваколаташон хеле муҳим мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2)**

# Тамоюли ҳаматарафаи демократия

(Аввалаш дар саҳ.1)

Имрӯзҳо дар доираи ҷаҳон суръату талаби амалӣ нисбати ислоҳоте, ки ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронда шудаанд (ба иштироки омили инсонӣ) пайваста баланд мегардад. Дар ҳар ҷамъияти рушдёфта ба ин ё он ном низоми иҷтимоии технологӣ арзи ҳастӣ мекунад. Онҳо дар ҳамкорӣ бо илмҳои иҷтимоиву гуманитарӣ ба сифат ва суръати ислоҳот таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Аз ин мебарояд, ки илми ватание, ки инсонро меомӯзад, набояд ақиб монад, набояд аз паси ислоҳотҳои ҳуқуқиву сиёсӣ давад. Ва он бояд нақши пешбарандагиро бозад. Дар он сурат илмҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ на танҳо равандҳоеро, ки дар ҷамъият рух медиҳанд, шарҳ медиҳад, балки онро такмил, ба қолаб дароварда, пешгӯӣ карда метавонанд.

Бо назардошти фикри ниёи бузургамон Ал-Фаробӣ агар гуфтан зарур бошад, таъмини илмӣ, омӯзиши мақсадноки шуурнокиву арзу амали ҷамъият, рӯ овардан ба арзишҳо, ҳамчунин ба урфу одатҳо, этика вазифаи умдаи илму амалие маҳсуб дониста мешавад.

Бо дигар суханон гӯем, ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ бояд ба суханони паёмбаронаи Алишери Навоӣ риоя кунанд, ки гуфта буд:«Агар озод шудан хоҳӣ, боақл бош!».

Роҳи ягонаи ҳаллу фасли вазифаи мазкур ин мебошад: тағйир додани шуури насли калонсол, тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳи усулиятҳои наву демократӣ. Манфиатҳои дигаргуниҳои демократии имрӯза аз ҳар кадом ӯзбекистонӣ зоҳир кардани ташвишу изтиробро нисбати муаммоҳое тақозо дорад, ки дар роҳи ислоҳсозии ҷамъият ба назар мерасанд. Зеро ҳар кадоми мо муаммоҳои соҳаи худро хуб медонем. Дар бораи онҳо ҳарф назанем, барои ҳаллу фасли онҳо саъю кӯшиш накунем, дар он сурат онҳо боқӣ мондан мегиранд, бефарқӣ реша медавонад. Ва агар ин бефарқӣ бартараф нагардад, назорати ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон аз болои мақомоту ташкилотҳои маъмурӣ пурзӯр намешавад.

Президенти мамлакатамон ҳамеша нақши муҳими ҷамъиятро дар бобати таъмини созгории муносибатҳои байни инсон, ҷамъият ва давлат зикр менамоянд. Як мисол:- сарвари мамлакатамон якчанд сол муқаддам ҳангоми мулоқот бо ҳуқуқшиносон оид ба муаммои алоқамандии байни инсон, ҷамъият ва давлат истода гузашта, чунин қиёсро ба миён гузошт: танҳо шамол барги шохҳои болоии дарахти бузургро тезтар, миёнаашро сусттар алвонҷ медиҳад, ба танаи дарахт, қуввати он намерасад. Онро рамзан баён кунем, қонунҳо, фармонҳо ва қарорҳои қабулгардида дар сатҳи давлатӣ аз боло ба поён асту он ба дараҷаи миёна таъсир мерасонад. Ва он маънои таъсирбахширо ба ҷамъият дорад. Вале ин қонунҳо, қарорҳо баъзан ба танаи ана ҳамин дарахт, яъне шаҳрвандони оддӣ рафта намерасад.

Вазифаи кунунии мо дар таъмини амалиёти мутақобила байни ин се субект, фаъолияти пурраи онҳо ва маҳз ба шуури халқ расондани қонунҳо ва он ки худи шаҳрвандон татбиқкунандагони фаъоли он дар ҳаёт гарданд, зоҳир мешавад. Зеро танҳо работиби мустаҳками байни субектҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии ҷамъият, ҳизбҳо, мақомоти худидора, ташкилотҳои ғайридавлативу ҷамъиятӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ бо шаҳрвандон барои баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии одамон, ҳамчунин пурзӯр гардидани ҳисси дахлдор будани онҳо нисбати ислоҳот мусоидат мекунад.

Сарвари давлатамон ба ин муносибат таклифро дар бобати даровардани тағйиротҳо ба Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», масъалаи қабул кардани қонунҳо «Дар бораи бунёдҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳои ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ», «Дар бораи фаъолияти хайрот» пеш гузоштанд. Аз он ҷумла, сарвари давлатамон зикр намуданд, ки мақсади асосӣ аз ин тадбирҳо пеш аз ҳама дар баланд бардоштани фаъолнокии сиёсиву ҷамъиятии табақаи васеи аҳолӣ, дар айни замон васеъ ҷалб кардани онҳо ба масъалаҳои идораи давлату ҷамъият мебошад.

Аҳамияти калони ин фикррониҳо дар пурзӯр кардани нақши ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ дар раванди навсозии маънавии ҷамъият зоҳир мегардад. Он баланд бардоштани босамарии корҳои маънавиву маърифатӣ, таблиғотии ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратиро тақозо дорад. Дар ин бобат Фармони Президент «Дар бораи ҷонибдории Кенгаши ҷумҳурии маънавият ва маърифат» аҳамияти калон дорад. Яке аз самти фаъолияти Кенгаши навсозии маънавӣ ва маърифатии ҷамъият дар пойгоҳи созгории арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ пешбинӣ гардидааст. Он барои дар пойгоҳи илмӣ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои баланд бардоштани фаъолнокии сиёсиву иҷтимоии аъзоёни ҷамъият ва васеъ ҷалб сохтани онҳо ба масъалаҳои идораи ҷамъият мусоидат мекунад.

Чунин муносибати маҷмӯъгӣ ба муаммо механизми мақсадноки иҷтимоиву технологии навсозии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқиро ба вуҷуд меоварад. Ва агар механизми мазкур ба дараҷаи талаб арзи ҳастӣ кунад, мо мамлакати шукуфон, ҷамъияти пешқадами демократиро бунёд мекунем. Зеро демократия маънои тамоюли ҳаматарафаи маҷмӯъгии шукуфонидани ҷамъиятро дорад.

**Аслиддин Болиев,**
**котиби Кенгаши ҷумҳурии маънавият ва маърифат.**

Ба пешвози даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

Мамлакати мо тадбирҳоеро мувофиқи нуктаҳои Қонуни Асосӣ меандешад, ки мақсад аз онҳо ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ, таъмини баробарии шаклҳои гуногунии моликият дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ҳифзи моликияти шахсӣ аст. Бо ҳамин васила бо роҳи мутамарказонидани изофавӣ ва яккаҳукмронӣ дар иқтисод садд гузошта шуда, мустақилии корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорон, тадбиргарон вусъат дода мешавад. Дахолати инҳисоротии давлат ба фаъолияти хоҷагӣ истисно гардонда, фаъолияти озоди иқтисодӣ таъмин мегардад.

Ва барои рӯшанӣ андохтан ба ин масъала ба фасли сеюми Конститутсия муроҷиат мекунем, ки «Ҷамъият ва шахс» ном дорад.

## V. Ҷамъият ва шахс

Фасли мазкури Қонуни Асосӣ аз чор бобу 14 модда иборат аст. Боби аввали он ба худ «Асосҳои иқтисодии ҷамъият» ном гирифтааст. Моддаҳои 53-55 бошанд, асосан ба мулк, амволдорӣ барин мафҳумҳо бахшида шудаанд. Ва масъалаи мазкур дар давлатҳои гуногун ба тарзи мухталиф ҳаллу фасл мегарданд. Дар Конститутсияи мо бошад, вай бо назардошти манфиатҳои инсон тавзеҳ дода шуда, аз нигоҳи қонунӣтаҳким бахшида шудааст. Масалан, дар баъзе мамлакатҳои собиқ Шӯравӣ алҳол масъалаи ба фурӯш гузоштани замин, боигариҳои он пешбинӣ гардидааст. Дар Конститутсияи мо, ки Сарқонун ба ҳисоб меравад, доири ин масъала чунин тавзеҳот дода шудааст:

**«Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, оламии наботот ва ҳайвонот, инчунин дигар захираҳои табиат сарвати умумимиллӣ буда, бояд самарабахш истифода бурдаю аз тарафи давлат ҳифз карда шаванд».**

Ва он чунин маънӣ дорад, ки ягон кас барои зарар расондан ба сарвати умумимиллӣ ҳуқуқ надорад ва онро давлат ҳифз мекунад. Чунки неъмати бузург ва сарвати бебаҳои Ватанамон ба ҳисоб мераванд.

Дар Конститутсия таъкид гардидааст, ки моликияти хусусӣ тахти ҳимояи давлат мебошад. Мақсад аз ин сатрҳо аз мутамарказӣ ва аз мутаинҳисоротӣ баровардани иқтисодиёт, вусъат додани фаъолияти мустақилонаи корхонаҳо, ташкилотҳо, соҳибкорон ва тадбиргарони хусусист.

Дар Қонуни Асосӣ, минҷумла моддаи 53 зикр ёфтааст, ки моликият дар шаклҳои гуногун арзи ҳастӣ мекунад. Давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, тадбиргарӣ ва меҳнатро бо назардошти афзалиятнок будани ҳуқуқи истеъмолкунанда, ҳифзи баробари ҳуқуқи тамоми шаклҳои моликият вусъат медиҳад. Мулки хусусӣ дар қатори дигар шаклҳои моликият дахлнопазир мебошад ва аз тарафи давлат ҳимоя карда мешавад. Мулкдор аз он фақат дар мавридҳо ва мувофиқи тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, маҳрум шуда метавонад. Дар моддаи 54 бошад, ҳуқуқу вазифаҳои амволдор возеҳу равшан баён гардидааст. Яъне мулкдор бо назардошти худ ба амволе, ки ба худаш мансуб аст, соҳибӣ мекунад, аз он истифода мебарад ва онро ихтиёрдорӣ мекунад. Истифода бурдан аз молу мулк набояд ба муҳити экологӣ зарар расонад, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлатро халалдор созад.

Ва он чунин маънӣ касб мекунад, ки одамоне, ки ба амволи худ ихтиёрдорӣ мекунанд, бояд такягоҳи мӯътадилии ҷамъиятӣ ва сиёсӣ гарданд.

Дар боби XIII, ки «Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ном дорад, зикр гардидааст, ки иттифоқҳои касаба, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷамъияти олимон, ташкилотҳои занон, ташкилотҳои собиқадорон ва ҷавонон, иттиҳодияҳои эҷодӣ, ҳаракату ҷунбишҳои оммавӣ ва дигар иттиҳодияҳои шаҳрвандон, ки мувофиқи тартиби дар қонун пешбинигардида ба қайд гирифта шудаанд, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дониста мешаванд.

Ва ин талаби Қонуни Асосӣ дар ҳаётамон амалона татбиқ мегардад ва онро мо дар мисоли созмон ёфтани ҳизбҳои сершумор, бунёдҳову хазинаҳо дида метавонем, ки алҳол дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангии Ӯзбекистон нақши калоне мебозанд. Ҳизбҳои халқӣ-демократӣ, миллии демократии «Фидокорлар», сотсиал-демократии «Адолат», демократии «Миллий тикланиш», Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, бунёдҳои «Нуроний», «Маҳалла», «Соғлом авлод учун», «Наврӯз», ҷунбиши ҷавонони «Камолот» ва ғайра мисоли равшан аз ҳаётбахшии Қонуни Асосианд.

Агар моддаи 57-уми Қонуни Асосиро бодиққат мутолиа кунем, дар он сурат пай мебарем, ки дар мамлакати мо ба созмон додани кадом иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ умуман роҳ гузошта намешавад. Яъне дар мамлакати мо ба созмон додан ва арзи ҳастии иттиҳодияҳои ҷамъиятие роҳ гузошта намешавад, ки мақсади онҳо ба зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ мебошаду ба мустақилият, бутунӣ ва бехатарии ҷумҳурият, ҳуқуқ, озодиҳои конститутсионии шаҳрвандони он муқобил мебароянд, ҷанг, адовати иҷтимоӣ, миллӣ, ирқӣ ва диниро тарғиб мекунанд, ба сиҳҳатӣ ва аҳлоқи халқ сӯиқасд менамоянд. Инчунин иттиҳодияҳои ҳарбӣ, ҳизбҳои сиёсӣ аз рӯи аломати миллӣ ва динӣ созмон дода намешаванд. Дар айни замон ба созмон додану арзи ҳастии ҷамъияту иттиҳодияҳои махфӣ роҳ гузошта намешавад. Ва инро ҳар як шаҳрванд хуб бояд дарк кунад. Ҳар як ташкилоте, ки ба сохти конститутсионӣ хавф меоварад, бехавфии моро чашми дидан надорад, душмани ашаддии мост. Ва барои фаъолият пеш набурдани онҳо саравввал Қонуни Асосиамон роҳ намедиҳад.

Боз як ҷиҳати муҳим дар ҳамин зоҳир мегардад, ки давлати мо барои мустақилона фаъолият пеш бурдани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкониятҳои калонро фароҳам меоварад ва мувофиқи моддаи 58 Конститутсия ба фаъолияти онҳо дахл намекунад. Яъне давлат риоя карда шудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд, барои онҳо имкониятҳои баробари ҳуқуқиро баҳри иштирок намудан дар ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам меоварад. Ба дахолат кардани мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти итиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дахолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор роҳ гузошта намешавад. Ва моҳияту мақсади ин талаб серқирра мебошад. Фаъолияти мустақилона саравввал ба мудом ҷустуҷӯ карда, фаъолият пеш бурдан ва ҳис кардани масъулият даъват мекунад. Агар ин омилҳо бе камукос иҷро гарданд, дар он сурат фаъолият доманадору босамар хоҳад гардид.

Дар Конститутсия оид ба иттифоқҳои касаба моддаи алоҳида бахшида шудааст. Ва он бесабаб ҳам нест. Чунки иттиҳодияи мазкури ҷамъиятӣ алҳол яке аз сернамоянда маҳсуб мегардад. Аз ин рӯ дар моддаи 59 Конститутсия мақсади онҳо возеҳу равшан нишон дода шудааст:

**«Иттифоқҳои касаба ҳуқуқҳо ва манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии коркунонро ифода менамоянд. Аъзо шудан ба ташкилотҳои касабавӣ ихтиёрӣ мебошад».** Ва он низ аз рӯи назардошти бартарӣ доштани манфиатҳои инсон дар мамлакатамон таҳия гардидааст.

Мо таъсири бевоситаи динро ба ҳаёти маънавии халқ бештар мушоҳида мекунем. Таъсиррасонии мусбии дини исломро барои аз ҷиҳати аҳлоқӣ пок шудани одамон, аз ҷиҳати маънавӣ солим гардидани ҷамъият баҳо додан кори душвор нест. Ва ҳамаи онро хуб дарк карда, дар Конститутсия доири дин моддаи алоҳидаро инъикос кунондаем. Мувофиқи он ташкилоту иттиҳодияҳои динӣ, ки аз давлат ҷудо карда шудаанд, дар назди қонун баробаранд. Давлат ба фаъолияти онҳо дахолат намекунад. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки эътиқоди худро дошта, ҳар гуна динро пайравӣ кунад ё тамоман пайравӣ накунад.

Бояд як ҷиҳати демократии нуктаи Қонуни Асосӣ нисбати пароканда кардан, манъ намудан, ё маҳдуд гардондани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамин аст, ки амали мазкур танҳо бо қарори суд ба рӯи об баровардa мешавад.

Боби минбаъдаи Конститутсия «Оила» ном дорад ва бесабаб нест. Ҳарчанд боби мазкур ҳамаи аз чор модда иборат бошад ҳам, мазмуну мундариҷаи зиёдеро дар бар гирифтааст. Ва он бесабаб нест. Оила асоси ҷамъият мебошад ва ҳуқуқи ҳифз карданро аз ҷониби ҷамъият ва давлат соҳиб мебошад. Он чунин маънӣ касб мекунад: оила асоси ҷамъият мебошад, оила бояд тахти ҳифоза ва ҳифзи ҷамъияту давлат қарор бигирад. Зеро айёми имрӯза маҳз ҳаминро тақозо дорад, то ки мо ба ҳаёт ба тарзи нав муносибат кунем.

Дар бораи оила ҳарф зада, мо пеш аз ҳама эътироф менамоем, ки оила ин манбаест, ки абадияти ҳаёт, давомияти авлодонро таъмин месозаду урфу одат, анъаноти муқаддасамонро ҳифз менамояд, дар айни замон манбаи тарбияест, ки ба он бевосита таъсир мерасонад, ки авлодиояндаи мо чӣ гуна одамон мегарданд.

Дар Шарқ, аз он ҷумла Ӯзбекистон оила аз қадим ҳамчун Ватан муқаддас ҳисобида мешавад. Вақте ки оила солиму мустаҳкам аст, дар маҳалла сулҳу салоҳ ва ваҳдат ҳукмрон мегардад. Албатта, вақте ки маҳалла мустаҳкам мегардад, дар давлат осудаҳолӣ ва эътидол ҳукм меронад.Яъне фаровонии оила ин асоси фаровонии миллӣ мебошад. Сифатҳои беҳтарини ба инсон хос, аз қабили шарму ҳаё, меҳру оқибат, меҳнатдӯстӣ саравввал дар оила ба вуҷуд меоянд.

Оила гӯем, пеш аз ҳама пеши назар саравввал муносибати падару модар ва фарзандон ҷилвагар мегардад. Ва он хуб таркиб ёфта бошад, бахту саодати оила мебошад. Ва бешак, оилаи Шарқ, минҷумла муносибати волидону фарзандон пеш аз ҳама ба таърихи дуру дарози сермазмун ва арзишҳои миллиамон такя мекунад. Охир, ҳамагон хуб медонем, ки аз қадим то ҳол волидон ба тарбияи фарзанд то чӣ андоза масъул буданашонро бо тамоми ҳастӣ ҳис намудаанд. Ва ин арзиши миллиамонро ба назар гирифта, дар моддаи 64 чунин сатрҳо иншо гардидаанд:

**«Падару модарон ӯҳдадор мебошанд, ки кӯдаконро то ба балоғат расиданашон хӯронанд, пӯшонанд ва тарбия диҳанд».**

Агар мабодо кӯдак бепарастор монад, чӣ мешавад? Ба ин савол аз моддаи мазкур боз ҷавоб ёфтан мумкин аст: **«Давлат ва ҷамъият хӯрондану пӯшондан, тарбия ва таълим гирифтани кӯдакони ятим ва кӯдаконеро, ки аз васояти падару модарон маҳрум гардидаанд, таъмин менамояд, амалияи хайрияро нисбати онҳо дастгирӣ мекунад»**. Ва ин сатрҳо то чӣ андоза ғамхор будани давлатро нисбати халқи сербача бори дигар намоиш медиҳад.

Баробари ин фарзандони ба балоғат расида ӯҳдадор ҳастанд, ки ҳангоми пирӣ волидони худро бо ғамхорӣ фаро гиранд. Ва ин нукта дар моддаи 66 Конститутсия ба алоҳидагӣ зикр гардидааст: **«Бачагони ба балоғат расидаи қобили меҳнат ӯҳдадор мебошанд, ки дар ҳаққи падару модарони худ ғамхорӣ намоянд».**

Боби ХҮ «Воситаҳои ахбори оммвӣ» ном гирифтааст, ки ҳокимияти чаҳорум ба ҳисоб меравад. Ва онҳо озод мебошанду мувофиқи қонун арзи ҳастӣ менамоянд. Онҳо дар асоси тартиби муқарраргардида барои ба ҳақиқат мувофиқ будани иттилоот масъулиятноканд. Ба сензура роҳ гузошта намешавад. Ва ин нукта дар мамлакатамон пурра дар ҳаёт татбиқ мегардад. Алҳол нашрияҳои мухталифи давлативу ҳизбӣ, соҳавӣ, хусусӣ рӯи чопро мебинанд. Сершаклии ВАО воқеият мегардад ва онҳо бо назардошти нуктаҳое, ки дар моддаи 67 Қонуни Асосӣ нишон дода шудаанд, фаъолият пеш мебаранд. Яъне онҳо дар доираи қонун фаъолият пеш мебаранд.

Ва баробари таҳлили моддаҳои ин фасл ҳам бори дигар ба он гувоҳ мегардем, ки дар Конститутсия ғояҳои олиҷанобонаву нақӯ акс ёфтаанд. Онро ҳар як моддае, ки таҳлилаш намудем, худ аз худ намоиш медиҳад.

**Т.ЭҲСОН.**

# Гузари нави «Хон боғи»

Бо ҳамин ном гузар дар хоҷагии «Ҳақиқат»-и ноҳияи Олтинкӯл дари худро боз намуд. Дар ин ҷо қаҳвахонаи ҷавонон маскан пайдо кардааст, ки дар ин ҷо истироҳат кардан, мусиқӣ шунидан, бо чанд намуди яхмос ошно гардида, аз он тановул кардан мумкин аст.Чойхона,растаҳои савдо, нонвойхона, дӯкони гӯшт, устохонаи тармими телевизиор ва дигар техникаи мураккаб ба меҳнаткашони деҳот хизмати намунавӣ мерасонанд.

Гузар аз ҳисоби маблағ ва бо ташаббуси тадбиргари маҳаллӣ Маъмурҳоҷӣ Ҷӯраев сохта шудааст.

**(ӮзА).**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Тарафдорӣ ба ЕврАзЭс даромадани Молдова

Дар ин хусус Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов дар хотимаи гуфтушунидҳои Тоҷикистону Молдова изҳор намуд.«Ба фикрам ин хел имконият ҳаст»,— гуфт ӯ. Э.Раҳмонов таъкид намуд, ки «тартибҳои муайяни ба иттиҳод даромадан» вуҷуд дорад ва дар ин ҷо мавқеи дигар аъзоҳои Иттиҳоди иқтисодии Евро-Осиё муҳим аст. Баробари ин Президенти Тоҷикистон қайд намуд, ки «ҳамааш ба саъю кӯшиши Молдова вобаста аст». «Мо Молдоваро ҷонибдорӣ мекунем ва ба он умед дорем, ки дар саммитиояндаи ЕврАзЭС моҳи маи соли оянда дар Душанбе Молдоваро аъзои баробарҳуқуқи ЕврАзЭС бинем»,—гуфт Э.Раҳмонов.

## Тоҷикистон дар намоишгоҳ—фурӯшгоҳ иштирок мекунад

Намоишгоҳ-фурӯшгоҳи технологияи саноатӣ, воситаҳои истеҳсолот, молҳо ва хизматрасонии мамолики ИДМ 14-17 маи соли 2003 дар Киев ба амал меояд. То имрӯз Арманистон, Озарбойҷон, Белоруссия, Қазоқистон, Молдавия ва Тоҷикистон ҷиҳати дар намоишгоҳ иштирок кардан дархост доданд. Барои намоишгоҳ омода намудани зиёда аз 10 ҳазор метри мураббаъ майдон пешбинӣ шудааст. Дар намоишгоҳ-фурӯшгоҳ молҳои саноати сабук, хоҷагиву маишӣ, мебел, дастгоҳи равшанидиҳӣ, маҳсулоти заргарӣ, пардозу андоз, молҳои озуқаворӣ ва истеъмоли халқ пешбарӣ мешаванд.

## Ҳафтаи маҳсулоти кӯҳӣ

Дар маҷмӯи «Ваҳдад»-и пойтахт намоишгоҳ-фурӯшгоҳи байналхалқии «Ҳафтаи маҳсулоти кӯҳӣ» ба кор сар кард. Вай бо ташаббуси Барномаи рушди минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ ва Вазорати саноатии Тоҷикистон созмон ёфт. Намоишгоҳ ба Соли 2002—Соли байналхалқии кӯҳҳо, ки бо қарори Ассамблеяи кулли СММ эълон шудааст, бахшида мешавад. Дар намоишгоҳ маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ софи минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон пешбарӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, дар рафти тадбири мазкур ҷамъбасти озмуни суратҳои бачагона, озмуни «Маҳсулоти инноватсионӣ» ва дар мавзӯи «Пешрафти маҳсулоти кӯҳӣ: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли вай» мизи мудаввар гузаронда мешавад.

## Шаҳрчаи ҳунармандӣ

Дар Хӯҷанд маросими тантанавии кушоиши шаҳрчаи ҳунармандӣ ба амал омад. Растаҳои савдои ҳунармандон дар биное, ки аз ҷониби тадбиргар Амон Абдуллоев дар назди бизнес-маркази «Эҳсон» сохта шудааст, доман густурдаанд. Мақсад аз ин шинос намудан бо маданияти Суғди қадима ва ёрӣ расондан ба паҳншавии санъати ҳунармандӣ дар берун аз ҳудуди Тоҷикистон аст. Марказ бо ташаббуси ҳукумати вилоят ва Иттиҳодияи илмию истеҳсолии «Фатҳ» бо иштироки фаъолонаи Ассотсиатсияи ҳунармандони вилоят созмон дода шуд. Ғояи созмон додани растаҳои савдои ҳунармандон бесабаб ба амал наомад. Суғди қадима аз қадимулайём бо корҳои устоёни халқӣ шӯҳрат дошт. Дар ин ҷо дӯконҳои (растаҳо) бофандагон, дуредгарон , оҳангарон, сафолгарон, зардӯзон, мусаввирон ва заргарон воқеъ гардидаанд. Намоишгоҳ- фурӯшгоҳҳои корҳои устоёни панҷакентӣ, гулдастони Истаравшан ва Нау дар ин ҷо ташкил шудааст. «Ҳунармандӣ набояд такрор ёбад. Ҳар як кори усто беназир аст. Фарқи ҳунар аз истеҳсолоти оммавӣ маҳз дар ҳамин аст», қайд намуд директори иҷрокунандаи ассотсиатсияи ҳунармандони вилояти Суғд, ҷонишини раиси Иттиҳодияи илмию истеҳсолии «Фатҳ» Равшан Иронов.

## БУР мониторинг мегузаронад

Комиссияи кории Бонки умумиҷаҳонии рушд ба Панҷакент ташриф овард. Дар айни замон онҳо дар 14 ҷамоатҳои ноҳия мониторинги иҷрои барномаҳоро мегузаронанд. «Мақсади асосии ба водии Зарафшон омаданамон,—гуфт корбасти комиссия Дейвид Лак,—омӯхтани муаммоҳои бо оби нӯшокӣ таъмин кардан ва роҳҳои пешрафт дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳоло мо ҷиҳати омӯхтани ин муаммоҳо ба ҷамоатҳо, маҳаллаҳо рафта, баъд аз он барнома таҳия менамоем».Ин марҳалаи якуми кори комиссия мебошад. Баъд гурӯҳи калони мутахассисон ба Панҷакент, Айнӣ ва Мастчоҳи кӯҳӣ меоянд. Дар ин ҷо аз рӯи тавсияи комиссия ба мақсади барҳам додани муаммоҳои вуҷуд дошта кор мекунанд.

## Ба мақсади пешгирии офати табиӣ

Мувофиқи аҳду паймони пешакӣ бо донори асосӣ — офиси инсонпарварии Иттиҳоди Аврупо Агроаксияи Олмон эътибораш ро ба лоиҳаҳои рушд ва ҷонибдории инфрасохтори деҳот дар ноҳияҳои дурдасту душворфатҳи вилояти Суғд ҷалб намуд. Ба мақсади муайян намудани вазифаҳову тадбирҳои аввалиндараҷа гурӯҳи мутахассисони Агроаксияи Олмон бо лоиҳаи «Озуқаворӣ барои меҳнат» дар қаламрави Мастчоҳи кӯҳӣ қарор доранд. Қаламраву аҳолии ноҳияи мазкур аз офатҳои харобиовари табиӣ бештар зарар мебинанд. Селҳо, ярҷҳо зарари калон мерасонад: роҳҳоро мешӯянд, кӯпрукҳоро хароб, ҳосилро талаф медиҳанд. Ин яке аз сабабҳои ба ноҳияҳои Айнӣ ва Мастчоҳи кӯҳӣ эътибор додани Агроаксияи Олмон мебошад. Ба ҳамин муносибат ба мақсади пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ Агроаксияи Олмон маблағ ҷудо карданист.

## Вараҷаи тропикӣ дар Кӯлоб

Дар Кӯлоб эпидемияи нави касалии сирояткунанда—вараҷаи тропикӣ паҳн шуд. Солҳои дароз дар минтақаи Кӯлоб асосан сил, арақа, вараҷа, сӯхтанӣ, сулфаи кабутак, исҳоли хунин барин касалиҳои сирояткунанда ба қайд гирифта шуда буд. Аз сабаби нарасидани доруҳо ва паст будани сатҳи зиндагонии одамон то имрӯз ин касалиҳо пурра муолиҷа нашудаанд. Дар натиҷа эпидемияи нав пайдо шуд. Дар деҳаи Гулободи ҷамоати Дагани ноҳияи Кӯлоб аз рӯи маълумотҳои расмӣ аллакай 32 нафар ба ин касалӣ мубтало шуданд. Аз рӯи гуфтаҳои духтури калони деҳа Шерхон Одилов сабаби асосии паҳн шудани касалӣ он аст, ки дар наздикии деҳа кӯле вуҷуд дорад. Мардум аз ин об ҳам барои корҳои хоҷагӣ ва ҳам барои истеъмол истифода мебаранд, ки ба паҳн шудани инфексия мусоидат мекунад. Деҳаи Гулобод дар айни замон минтақаи офат эълон шудааст ва дар карантин қарор дорад.

## Баъд аз интизории зиёд

Аз рӯи лоиҳаи Иттиҳодияи илмию истеҳсолии «Анис» бо ҷонибдории ташкилоти байналхалқии Консорсиуми Коунтерпарт (ИМА) сокинони деҳаи Балхови ноҳияи Мӯйнободи вилояти Хатлон бо оби нӯшокӣ таъмин шуданд. Мувофиқи лоиҳа ба масофаи 2500 метр хатти қубури об гузаронда шуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки солҳои дароз дар нуқтаи аҳолинишини мазкур манбаи оби ошомиданӣ набуд. Одамон вайро бо ҳар роҳ кашонда меоварданд. Ҳоло дар деҳа 5 чоҳи қубури обӣ ҳаст, ки сокинонро пурра бо оби ошомиданӣ таъмин мекунад.

**«Туркистон-пресс» — «Вароруд».**

# Марҳала ба марҳала

(Аввалаш дар саҳ.1)

Палатаи болоӣ—Сенат аз намояндагони халқи Кенгашҳои маҳаллӣ, яъне субектҳои ҳудудӣ интихоб карда мешавад. Пешакӣ муайян гардидааст, ки аз ҳар субекти ҳудудӣ шаш нафарӣ интихоб мегарданд. Ба ҷуз ин аъзои палатаи болоӣ ҳамчунин шонздаҳ нафар шаҳрвандони номдоре, ки дар байни халқ обрӯву эътибори калон доранд, мегарданд ва онҳо аз тарафи Президент таъин мегарданд. Бо дигар суханон гӯем, аъзоёни палатаи болоӣ нмояндагони минтақаҳо мебошанду бо Кенгашҳои маҳаллӣ равобити мустаҳкамро барқарор мекунанду бо ҳамин манфиатҳои минтақашонро пурра ифодаву ҳифз менамоянд.

Палатаи поёнӣ бошад, Палатаи қонунбарорӣ номида мешаваду корро аъзоёни он дар пойгоҳи доимӣ, касбӣ ба иҷро мерасонанд. Ба узвияти он ба сифати даъвогари асосӣ ба арса ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои ташаббускори интихобкунандагон мебароянд. Онҳо ба палатаи поёнӣ номзадҳои худ—аз рӯи фаъолият шахсони аз нигоҳи касбӣ ҳамаҷониба тайёргардида ва ба ин кор шавқмандро пешбарӣ мекунанд. Ва онҳо танҳо ба қонунбарорӣ машғул мегарданд. Палатаи мазкур доимӣ кор мекунад. Сенат бошад, дар иҷлосияҳои худ ҷамъ омада, қонунҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки палатаи поёнӣ қабул кардааст.

Ба муҳокимаи вакилони халқ беҳуда лоиҳаи қонунҳо дар бораи хизмати ҳарбӣ, ӯҳдадориҳои ҳарбӣ ва захира ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон гузошта намешавад. Зеро яке аз масъалаҳои умдаи сохтмониояндаи Ӯзбекистон навин ин ба вуҷуд овардани чунин Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад, ки аз нигоҳи миқдор—камшумор, зудамал, бо яроқу аслиҳа ва техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз, ба талаботи замонавии ҳозира пурра ҷавобгӯ бояд бошад, ба муҳофизати сарҳадҳо ва яклухтии ҳудудӣ мамлакатамон қодир буда, сулҳу осоиши халқамонро таъмин намояд. Мақсади асосии мо ташкили ҳақиқатан ҳам Қувваҳои Мусаллаҳи касбӣ мебошад, ки дар он хизмат намудани низомиён татбиқи донишҳои касбӣ ва таҷрибаҳои онҳо ба ҳаёт бояд бошад. Дар айни замон мувофиқи таклифи Президентамон аз даъвати минбаъда, яъне баҳорӣ хизмат дар сафи лашкар як сол муқаррар карда шуд. Хизмати қарордодӣ ҷорӣ карда мешавад. Бо назардошти талаби доктринаи ҳарбии мамлакат ва навигариҳое, ки дар лашкар рух доданд, парлумони мамлакат лоиҳаи қонунҳоро дар ин бобат таҳия намуд ва албатта, тамоми ҷиҳатҳои масъалаҳои алоқаманди артишро ба назари эътибор гирифтааст.

Ӯзбекистон барои аъзо шудан ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо тайёрии пухта мебинад ва он тақозо дорад, ки талабҳои пешгузоштаи ташкилоти мазкур аз қонунҳоямон саравввал ҷо пайдо карда, заминаи қонунгузориамонро дар ин бобат мустаҳкам кунад. Бо назардошти ана ҳамин вакилони халқ лоиҳаи Қонунро «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоотӣ» дар қироати дуввум мавриди баррасӣ мекунанд. Лоиҳаи мазкур ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардида, аз дурдонаи халқӣ ғанӣ гардид. Дар хусуси лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи омори давлатӣ», «Дар бораи боигариҳои қаъри замин», «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» ҳам чунин гуфтан мумкин аст ва баробари қабул гардидани онҳо роҳи мо ба сӯи давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ боз ҳам васеътар мегардад. Чунки нуктаҳои онҳо дар пойгоҳи талабу андозаҳои байналхалқӣ таҳия гардидаанд. Дар ин соҳа ҳамаи қонунҳо солҳои 1993-1994 қабул гардидаанду то ҳол чандин маротиба аз тағйироту иловаҳо бархурдор шудаанд. Бисёр матлабҳои қонунҳо кӯҳна шуда буданд ва аз ин рӯ ҳаёт талаб пеш мегузорад, ки онҳо ба таҳрири нав қабул гардида, дар бобати амиқгардонии ислоҳот, чуқур реша давондани иқтисоди бозаргонӣ нақши ба худ хосеро бозанд.

Лоиҳаи қонун «Дар бораи муфлисӣ» (бо таҳрири наву қироати аввал бо назардошти тағйиротҳое, ки дар ҷамъиятамон рух додаанд, таҳия гардидааст ва бешак, дар соҳаи мазкур татбиқ кардани андозаҳои байналхалқиро таъмин месозад.

Лоиҳаи Қонун «Дар бораи декларатсиякунонии ҷамъи даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ», ки дар қироати аввал ба муҳокимаи вакилони халқ пешкаш карда мешавад, низ аҳамияти калон дорад. Чунки он саравввал пеши роҳи даромади муфтро мебандад, дар айни замон барои таъмини адолат дар ҷамъият хизмат мекунад.

Ҳамчунин бо назардошти талаби даврy змон ба як қатор санадҳои қонунгузории ҷумҳурият тағйироту иловаҳо дохил карда мешаванд, ки бешак барои пешрафти минбаъда хизмат мерасонанд.

Дар хотима гуфтан азрур аст, ки ба даврy замон ҳамоҳангӣ ва ҳамқадамӣ пайдо карда, барои рушди собитқадамонаи минбаъдаи Ӯзбекистони мустақил таъсири назаррасиро худро мегузоранд ва бо ҳамин бори дигар садоқатмандии моро ба роҳи интихобкардаамон, яъне роҳи эволютсионии пешрафт бори дигар намоиш медиҳад.

# МАВҚЕИ СУРУДҲОИ ТАВСИФӢ ДАР ҶАШНИ АРӮСИИ ТОҶИКОНИ БУХОРО

Асарҳои назмӣ (ҳам шифоҳӣ ва ҳам китобӣ) барои ифодаи орзую омол ва тасвирҳои ғояҳои иҷтимоии мардум нақши назаррасе доранд. Ба хусус суруд дар ҳар маврид андешаву афкори мардумро рангину дилнишинтар инъикос менамояд ва зебу зинати ҷашни арӯсӣ ба шумор рафта, мавқеи арзандаеро дорост. Сурудҳо на танҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва санъатҳои бадеӣ мухталифанд, балки сохти онҳо низ фарқиятҳои назаррасе доранд. Масалан, дар ин бора академик Р. Амонов чунин менависад: «Суруд аз дигар намудҳои лирикаи халқии тоҷик, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати шакл ва сохти худ фарқ мекунад. Сурудҳо шаклан гуногунанд: як қисм дар шакли ғазал, қисми дуюм дар шакли мухаммас, як гурӯҳ дар шакли маснавӣ, гурӯҳи дигар дар шакли мусамммати мураббаъ (шеъри ҳар бандаш чормисраъгӣ) эҷод ёфтаанд. Сурудҳои лирикии дар шакли мусаддас нисбатан кам дучор мешаванд. Ин шакл, аз рӯи кор, бештар ба сурудҳои таърихӣ хос аст. Мусамматҳои бандашон шаш ё ҳафтмисраъгӣ (мусаддас ва мусаббаъ) ва як қатор шаклҳои дигар, ки мансуби адабиёти хаттӣ мебошанд, дар назми лирикии халқ мавқеъ надоранд» (1, с. 325).

Дар Бухоро нисбати сароиндагон «ғазалхон», «созанда» вақтҳои охир калимаи «артист»-ро низ ба кор мебаранд. Роҷеъ ба суруд дар миёни мардум истилоҳи «ғазал» бештар маъмул аст.

Дар арӯсии тоҷикони Бухоро низ сурудҳо нисбати жанрҳои дигари фолклорӣ бештар истифода мешаванд, ки лаҳзаҳои асосии арӯсӣ ва ҷиҳатҳои умдаи рӯзгори маънавии инсонро дар худ таҷассум менамоянд. Ба мисли сурудҳои арӯсии тоҷикони кишварҳои дигар, сурудҳои тоҷикони Бухороро низ метавон ба навъҳо ҷудо кард. Сурудҳои тӯйи тоҷиконро Ф. Зеҳниева мавриди омӯзиши махсус қарор дода, мувофиқи иҷро, мазмун, ғояи иҷтимоӣ ва арзиши бадеӣ онҳоро ба ҳашт гурӯҳ: хабарӣ, тайёрӣ, ҷудоӣ, фироқ, тантанавӣ, табрикӣ, тавсифӣ, рақсӣ ва ҳаҷву ҳазл ҷудо кардааст (2, с. 62-66).

Гурӯҳбандии сурудҳо, ки дар маросимҳои гуногуни ҷашни арӯсӣ истифода мешаванд, нисбӣ буда, баррасии онҳо ҷанбаи назарӣ доранд. Чунки ҳар жанр ва анвои он қонуниятҳо ва хусусиятҳои хоси худро доро буда, ҳангоми таснифот ҷиҳатҳои умда ё нишонаҳои махсуси он бо далелҳо ва мисолҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Масъалаи таснифоти сурудҳои арӯсӣ дарвоқеъ мушкил аст, ки инро мо аз таснифоти Ф. Зеҳниева низ мушоҳида менамоем ва ӯ дар ин бора низ менависад: «Сурудҳои тӯи тоҷикон ниҳоят гуногунанд. Ин гуногунӣ бештар ба маҳалҳо вобаста аст. Инчунин вариантнокӣ, дигар шудани мавриди иҷрои сурудҳо, навъҳои оҳанг ва нақарот дар сурудҳои тӯй низ барои таснифи комили дохили ин гурӯҳи сурудҳо имконият намедиҳанд. Бинобар ин, барои таснифи пурраи сурудҳои тӯй ҳама ҷиҳатҳои онҳоро ба назари эътибор гирифтан лозим меояд. Ғайр аз ин дар вақти ба гурӯҳҳо тақсим кардани сурудҳо ба хусусияти мундариҷавӣ, бадеӣ ва ғоявии онҳо низ аҳамият додан шарт аст. Вале баъзан чунин ба назар мерасад, ки аз рӯи мундариҷа хоси ин ё он марҳилаи тӯй будани сурудро ба зудӣ муайян кардан душвор аст: як сурудро мардум дар чанд мавриди тӯй мехонанд. Агар фақат як ҷиҳати суруд, масъалаи хусусияти табрикӣ доштани онро ба назар гирем, дигар хусусиятҳои он аз эътибор соқит мешавад, зеро дар дохили як суруд ҳам тавсифи ишқ, ҳам орзуву ният ва ҳам тантанаву табрикро дучор менамоем. Дар чунин ҳолат таснифи сурудҳо боз ҳам мураккабтару душвортар мегардад. Бинобар ин дар мавриди тасниф кардан, мо дар навбати аввал ҷиҳати асосии суруд, яъне мавзӯъро ба назар гирифтем, зеро аксари онҳо бо вуҷуди гуногунии мазмун ба як мавзӯи асоси тобеъанд» (3, с. 65-66). Воқеан ҳақ ба ҷониби Ф. Зеҳниева аст, ки ӯ мубоҳисаангез будани ин масъаларо низ таъкид карда, мегӯяд: «Мумкин аст, таснифоти мо дар назари аввал баҳсталаб намояд, вале онро ҳоли ҳозир шартан қабул кардан мумкин аст» (3, с. 66). Модоме ки Ф. Зеҳниева сурудҳои маросими тӯйи тоҷиконро ба гурӯҳҳо тақсим кардааст, мо онро такрор намекунем. Чунки дар ҳақиқат тавре ки дар боло ёдовар шудем, масъалаи таснифоти сурудҳо мураккаб аст. Аз ин рӯ мо низ вориди ин баҳси назарӣ нахоҳем шуд. Таснифоти Ф. Зеҳниева барои маводи мо мувофиқат намекунад, фақат дар баъзе мавридҳо ба гуфтаҳои эшон такя хоҳем кард.

Тибқи мушоҳидаи мо тамоми назми шифоҳии арӯсии Бухороро метавон куллан ба ду бахши умумӣ ҷудо кард. Бахши аввал он сурудҳое, ки дар лаҳзоти гуногуни маросими арӯсӣ истифода мешаванд; бахши дувум сурудҳое, ки қалбан дар арӯсиҳо роиҷ буданд ва ҳоло маъмул нестанд, аммо дар хотираи мардум мондаанд. Ба ҳар ҳол ин ду бахшро метавон аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа муштаракан омӯхт.

Аз қадимулайём мадҳу ситоиш дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттӣ мавқеи хосеро ишғол намудааст, ки маҳз аз ҳамин сабаб дар эҷодиёти адибон мавзӯи мадҳ бештар ба назар мерасад. Ҳамчунин дар замонҳои гузашта, дар миёни мардум ашхосе буданд ба номи «маддоҳ», ки бо тавсифу ситоиши пайғамбарон, авлиёҳо ва амсоли ин машғул буданд. Умуман мадҳу ситоиши инсон, тавсифу таърифи он на танҳо дар адабиёт, балки дар фарҳанги мардум ҷиҳатҳои хоси худро дорост, ки он бояд аз ҷониби мардумшиносон мавриди омӯзиш қарор гирад.

Тавсифу ситоиш дар ҷараёни маросими арӯсии тоҷикон низ хеле назаррас буда, барои пайванд намудани ду ҷавон ва барқарор сохтани оилаи нав нақши арзандаеро дорост. Аслан арӯсу домод аз рӯзҳои аввали хостгорӣ аз ҷониби хостгорон мавриди тавсиф қарор мегиранд, то ки хешовандони арӯс ё домодро бо баъзе сифатҳои мақбулашон ҷалб намоянд. Дар замонҳои пеш ва ҳоло низ маҳз тавассути тавсиф, майлу хоҳиши арӯсу домодро ё падару модари онҳоро метавон ба ҳамдигар дилгарм сохт.

Вазифаи тавсиф дар адабиёт низ тақрибан ба ҳамин гуфтаҳои болоӣ монанд аст. Муҳаққиқ Т. Зеҳнӣ менависад ки: «нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳамин гуна муайянкунандаи бадеӣ, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад» (4, с. 68). Албатта, дар осори шоир, нависанда ва ё умуман шахси эҷодкор санъати бадеии тавсиф мақоми зебандаеро дорост, ки онро бештар аз зиндагии муқаррарии мардум гирифтааст, ё бевосита дар рӯзгори инсон мушоҳида намудааст. Аз ҳамин ҷиҳат як гурӯҳ сурудҳои арӯсӣ мавҷуданд, ки маҳз ба тавсифи арӯсу домод бахшида шудаанд. Дар ин навъ сурудҳо симои арӯси нозанин, хислатҳои умдаи ӯ, зебоӣ ва нафосату латофати ӯ ва ҳамчунин баъзе рафторҳои неку ҳамидаи домод тавсиф мешаванд.

Масалан, дар суруди зерин модар ё аслан сароиндагони шӯхтабиат аз байни занон, сифатҳои духтарро тавсифкунон мехонанд:

**Духтарам да рӯи хона,**
**Мӯҳояш да рӯйи шона,**
**Шӯйаш да меҳмонхона,**
**Духтараша гардат она.**
**Духтараму духтарам,**
**Аз сад писар беҳтарам,**
**Баҳои ҳафт қоп зарам,**
**Духтараму духтарам.**
**Духтари сафеди содда,**
**Мийони абреш кушода,**
**Нисфи пулаш надода,**
**Ҳамту духтар кӣ дорад.**
**Пошшойи тахт надорад,**
**Мири малак надорад,**
**Вазир ба тахт надорад (Бухоро, дафтари 1, с. 0011–0012).**

Ин суруд асосан дар ноҳияҳои Шофиркон, Пешкӯ ва дигар ҷойҳо густариш ёфта, нусхаҳои гуногун дорад. Дар айни ҳол гӯяндагон, ҳангоми сароидани суруд онро ба мавқеи худ ва модари духтар наздик сохта, ба он мисраъҳои дилхоҳашонро илова намудаанд. Ҳатто гоҳо миқдори байту бандҳои мисраъҳоро низ каму беш сохтаанд. Мисоли инро дар банди охири суруди болоӣ низ мушоҳида менамоем.

Аксари сурудҳо баъди ба рӯи коғаз бардоштан ба назар сактадор менамоянд. Гӯё вазн надошта бошанд, ҳатто вазни ҳиҷоӣ. Аммо ҳангоми сароидан: ё бо асбоби мусиқӣ ва ё бо садои дилнишини овозхон, савту оҳангу авзони мусиқавияти суруд зуд ба назар мерасад. Маҳз ҳангоми сароидан завқи эстетикии суруд боз баландтар ва таъсири эмотсионалии он бештар мегардад.

Масалан, дар яке аз сурудҳо, ки «Келин ёр-ёр» ном дорад, ойамулло Ҳамро Ғафурова (ш. Бухоро, соли таваллуд 1926) барои мо суруди зеринро сароид:

**Дар хона келин омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Духтари ҳазрат омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Нури Муҳаммад (с) омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Сурайи қуръон омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Дар хонеко нур омат, ёр-ёр-ёрон-е,**

**Дар хона келин омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Сурайи қуръон омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Духтари ҳазрат омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Да дастурхон файз омат, ёр-ёр-ёрон-е,**
**Да остона нур омад, ёр-ёр-ёрон-е. (Бухоро, дафтари 1, с. 0043).**

Агар ба ин суруд бо таваҷҷӯҳ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки духтарро сароянда ҳамчун олиҳаи ҳусну латофат, покию озодагӣ ва файзу баракати хонадон ба он муқаддасоте, ки мусулмонон бар онҳо ихлос ва эътиқод доранд монанд карда, тавсиф намудааст. Аслан дар миёни тоҷикони Бухоро чунин тавсифҳоро ҳангоми гуфтугӯҳои бузургсолон низ дар ҳаққи ҷавонон ва навхонадорон бисёр мешунавем. Нуқтаи хеле зарурӣ нисбати сурудҳо ин аст, ки онҳоро фақат бо савту оҳанг бояд шунид. Вагарна мутолиаи матни оддии он чандон дилнишин нест. Албатта, ин як ҷиҳати ниҳоят муҳими сурудҳо мебошад. Маҳз интонатсия ва садои форами овозхон ба суруд вазни хоссаашро мувофиқ сохта, матнро таъсирбахш месозад.

Сурудҳое, ки дар тавсифи духтар бахшида шудаанд, хеле содда ва дилрабоянд, ки баъзеи онҳо бо ташбеҳҳои табиӣ ва маъмулии марбути рӯзгори мардум симои арӯсро ё духтари арӯсшавандаро васф мекунанд:

**Духтар дорем гул барин,**
**Монанди булбул барин,**
**Мирчи қаламфур барин,**
**Себи Самарқанд барин,**
**Анори Тошканд барин,**
**Анҷири Кӯрғон барин,**
**Ноки Намангон барин (Бухоро, дафтари 1).**

Агар аксари сурудҳои арӯсӣ, ки рӯзи ҷашн аз ҷониби овозхонон сароида шавад, суруди болоӣ аз ҷониби занон дар хонаи худи арӯс, қабл аз ба хонаи домод бурдан замзама мешавад.

Монандиҳое, ки дар ин суруд омадааст, тавассути чизҳои хоссаи ба диди мардум наздик, яъне «гул», «булбул», «себи Самарқанд», «анори Тошканд», «анҷири Кӯрғон» (ки дар ноҳияи Рометани Бухоро машҳур аст), «ноки Наманган» инъикос ёфтааст. Як нуктаи ҷолиби суруд ин аст, ки дар он ҳазли сабуке низ ба назар мерасад. Яъне духтар бо вуҷуди «гул», «булбул», «себ» ва амсоли ин буданаш «мурчу қаламфур» ҳам аст, ки ин киноя аз хислатҳои тезу тунди ӯ мебошад.

Аз ин суруд дар дасти мо се вариант мавҷуд аст, ки дар ҳар кадоми онҳо як тағйироти ҷузъӣ мебинем, ки ин тарғибот ба сароиндагон ва маҳорати онҳо вобаста аст.

Ф. Зеҳниева ёдовар мешавад, ки дар фонди фолклори тоҷик аз ин суруд панҷ вариант мавҷуд аст (3, с. 113).

Сурудҳое, ки дар онҳо хислатҳои ҳамидаи арӯс ва ҷавонмардии домод тавсиф ёфтаанд, ҳар чӣ бештар дар ин ё он лаҳзаи маросим садо медиҳанд. Тавре ки маълум аст, дар даври хостгорӣ ҳам тарафи арӯс ва ҳам тарафи домод мехоҳанд роҷеъ ба арӯсшаванда ва домодшаванда маълумоти бештаре ба даст оранд. Тарафи ҷавон бо ҳама роҳ мекӯшиданд аз қобилият, зебоӣ ва дигар рафторҳои арӯсшаванда воқиф шаванд ва дар навбати худ тарафи духтар низ талош меварзиданд, ки дар бораи хислатҳои домод бифаҳманд. Аз ин рӯ гоҳе ба сурудҳое дучор меоем, ки дар васфи домод гуфта шудаанд ва симои домодро аз ягон ҷиҳат васф менамоянд. Масалан, дар шаби тӯи арӯсу домод ин сурудро дар ҳаққи ӯ месароянд:

**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Гардам зи лабони шакаринат**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Аз холи сийоҳи амбаринат**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Мардум ҳама гӯянд офаринат**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Ҷавони нозанин бисту дусола**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Ҷавони хуш бигӯйем хуш бигардем**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане,**
**Дар кай мебинем умри дубора**
**Юсуфи ман, Юсуфи мане. (Бухоро, дафтари 4, с. 0098).**

Дар ин суруд нақароти он хеле муҳим аст, ки сароянда домодро ба Юсуф барин зеботарин симо монанд кардааст. Дар дасти мо чанд варианти дигари ин суруд низ мавҷуд аст. (Ниг.: Бухоро, дафтари 4, с. 0092–0093).

Ба назари мо ба тақдири ҷавонон бетараф набудани бузургсолон чунин сурудҳоро ба миён овардааст. Дар чунин сурудҳо агарчӣ мо тасвиру ташбеҳҳои муболиғаомез ва хислатҳои ғайриреалиро дучор оем ҳам, аслан як василаи аз баъзе рафторҳои ҷавонон ба тарзи умумӣ огоҳ намудан асту халос.

**Сироҷиддин БОБОЕВ,**
**номзади илми филология.**



## Бозор дар Роҳи бузурги абрешим



Чун садаҳои қадима, алҳол низ бозори деҳқонии Сомонӣ-яке аз калонтарин дар Бухорои куҳан ҳамеша серодам аст. Дар ин ҷо анъанаи ба худ хос ҳукмрон аст. Агар харидори аввалини рӯз мард гардад, онро аломати хуб мепиндоранд. Ба вай ҳангоми харид ҳатман дар бобати нарх гузашт мекунанд.

Дар ин ҷо мудом баҳси байни фурӯшандаву харидорро мушоҳида мекунед ва бесабаб ҳам нест. Мегӯянд, ки агар байни фурӯшандаву харидор баҳсу мунозира доманадор гардад, дар он сурат моли фурӯхташудаву харидгашта ҳалол мегардад.

Бозори Сомонӣ дорои якуним ҳазор шабакаи савдо асту нархи маҳсулот нисбат ба дигар бозорҳо арзонтар мебошад. Аз ҳамин сабаб харидорон бештаранд.

**Дар суратҳо: 1.** Яке аз рафҳои савдо. **2.** Собиқадори меҳнат **Эргашбобо Ҳотамов**. Вай дар хоҷагии ширкатии «Кӯрғон»-и ноҳияи Рометан умр ба сар мебарад. Тамоми ҳаёташро ба кишоварзӣ бахшидааст. Ба шаҳри Бухоро мудом маҳсулоти ҳархелу хушсифат меоварад ва харидоронро мамнун месозад.

**Аксбардор: Рустам ШАГАЕВ (ӮзА).**

*Ба пешвози 70-солагии Нукус*

## Алоқаи нави мобилӣ

Ширкати «ДЭУ Юнител» низ ба ҷашни 70-солагии шаҳри Нукус тӯҳфаи хосе кард. Дар ин ҷо алоқаи телефони мобилӣ ба роҳ монда шуд.

—Он дар низоми алоқаи Қароқалпоқистон шабакаи дуюми алоқаи телефони мобилӣ аст,—мегӯяд раиси Ҷамъияти саҳҳомии «Қароқалпоқтелеком» Ӯрозбой Теженов.—То ҳоли ҳозир дар Нукус Ширкати «Ӯздунробита» аз рӯи алоқаи телефонии мобилӣ хизмат мерасонд. То охири сол аҳли Қароқалпоқистон аз хизмати дигар ширкати бонуфузи «Коском» ҳам баҳравар мегарданд.

Алоқаи телефонии мобилӣ, ки ба хизмати аҳолӣ пардохт, тӯҳфаи муносиб ба ҷашни шаҳри Нукус гардид.

**А.ОРТИҚБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Рӯзҳои Ӯзбекистон дар мактаби Токио

Сафоратхонаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Ҷопон мувофиқи хоҳиши хонандагони мактаби Каматсугаваи Токио дар ин муассисаи таълим «Рӯзҳои Ӯзбекистон»-ро гузаронд.

Мувофиқи барномаи тадбир дарси «Ӯзбекистон дар роҳи Бузурги абрешим» гузаронда шуд, ки дар рафти вай иштирокдорон бо торихи фарҳанги бои кишварамон, мавқеи муҳими вай дар роҳи Бузурги абрешим, инчунин сиёсати иҷтимоие, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ гузаронда мешавад, шинос шуданд. Баробари ин хонандагон дар бораи шароитҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ, табиӣ ва канданиҳои фоиданоки Ӯзбекистон таассурот ҳосил карданд.

Он чиз ҷолиби диққат аст, ки шогирдони мактаби Еоматсугава мунтазам аз рӯи як қатор веб-сайтҳои шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ахбороти аз Ӯзбекистон омадаро назорат карда донишашонро дар бораи Ӯзбекистон васеъ мегардонанд. Дар дарси ба Ӯзбекистон бахшидашуда фаъолона иштирок намудану бо ҷуръату аниқ савол додани онҳо далели фикрамон аст.

Дарси навбатӣ дар мавзӯи «Мо забони ӯзбекиро меомӯзем» гузашт. Дар вай дар бораи калимаву ибораҳои мавриди истифодаи ҳамарӯза, пояҳои одобу ахлоқ ва меъёрҳои хулқу рафтори ба халқамон хос сухан рафт. Хусусан ба омӯзгорону волидонро эҳтиром намудани хонандагон эътибори алоҳида доданд.

Баъд аз дарси навбатӣ худи дар ҳамин ҷо бачагони ҷопонӣ бо намунаҳои санъати амалии халқи ӯзбек — маҳсулоти ҳунармандон, зардӯзон, чӯбкорон, асбобҳои миллии мусиқӣ шинос шуданд.

Фаромӯш набояд кард, ки дар назди мактаби Каматсугава Ассотсиатсияи санъати шогирдон созмон дода шудааст, ки ба вай бачаҳои дигар мактабҳо низ медароянд. Мақсади асосии вай аз бо асрори санъати мухталиф, инчунин маданияти халқҳои ҷаҳон шинос намудани хонандагон аст.

Инчунин ассотсиатсия ба Самарқанд, Бухоро, Хоразм барин шаҳрҳо — дурдонаҳои роҳи Бузурги абрешим ташкил кардани сафари мактаббачагони токиогиро, инчунин бо муассисаҳои таълими Ӯзбекистон барқарор намудани равобити мустаҳкамро ба нақша гирифтааст.

**Б. ОЛИМОВ,**
**ОИ «Ҷаҳон».**

## Ярмаркаи навбатӣ

Дар универмаги марказии шаҳри Фарғона ярмаркаи навбатии маҳсулоти истеҳсол намудаи корхонаҳои саноатии ҷумҳурият кушода шуд. Дар оғози тантанавии он ҳокими вилоят депутати Олий Маҷлиси ҷумҳурият Алишер Отабоев ҳузур дошт. Дар ярмарка маҳсулоти ширкатҳои «Ӯзгӯштсутсаноат», «Ёғмойтамакисаноат», «Озиқовқатсаноат», «Ӯзмевасабзавотузумсаноат», «Ӯзбекбирлашув», «Файзхолдинг» намоиш дода мешавад.

Дар байни корхонаю ширкатҳое ки маҳсулоти худро дар ярмарка намоиш медиҳанд,маҳсулоти ҷамъияти саҳҳомии вилоят—«Қувамебел» диққату эътибори тадбиркоронро ба худ ҷалб мекунад. Маҳсули дасти моҳирони касби корхонаи якҷояи «Узсаламан», фирмаи «Сайқал» низ харидорони худро пайдо мекунанд.

Намояндагони тадбиркорони маҳаллӣ аллакай бо иштирокчиёни ярмаркаи минтақавӣ аз хусуси хариди маҳсулот шартномаҳо бастанд.

**А.ТӮХТАСИНОВ.**

## Соли эъзози куҳансолон



Пиронсолони хушбахт.

Аксбардор: В.ПОРТНОВ.

## Ҷашни рӯзи истиқлол

Чанде пеш халқи поляк иди миллии худ—Рӯзи Истиқлолиятро ҷашн гирифт. Ин санаи фаромӯшнопазирро полякҳое, ки дар Ӯзбекистон умр ба сар мебаранд, низ тантанавор қайд карданд. Маросими идона дар толори мактаби мусиқии ба номи Успенскии Тошканд шуда гузашт. Дар тадбири идона ҷамоаҳои консертӣ ҳунарнамоӣ карданд. Дар байни онҳо санъаткорон аз маркази мадании полякҳо—«Светлитса Полска» низ буданд, ки ҳар як баромади онҳоро ҳозирон бо кафкӯбӣ истиқбол намуданд. Бахусус баромади пиониназавоз лауреати озмунҳои байналхалқӣ Эленоро Катлабуллоева ба ҳозирон писанд омад.

Ҷамъомадагон—намояндагони халқи полякро, ки дар ин ҷо ҳузур доштанд, кормандони сафоратхонаи Полша дар Ӯзбекистон ва намояндагони маркази мадании Полша бо ин санаи фаромӯшнопазир табрик карданд. Онҳо таъкид намуданд, ки робитаҳои маданӣ, алоқаи дӯстонаи халқҳои ӯзбеку поляк пайваста мустаҳкам мегардад. Муносибатҳои дӯстонаро ташрифи Президенти Полша Александр Квасневский ба Ӯзбекистон ва гуфтушунидҳои байни Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба амал омада тақвият медиҳанд.

**Руслан ПРИМОВ.**

*Фидоиёни маориф*

## Омӯзгори кордон

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

Ин марди чеҳракушоду хушмуомиларо натанҳо дар маркази шаҳри Косонсой, балки дар ноҳия аксарият нағз мешиносанд. Зеро Абдунабӣ Бозоров беш аз бист сол аст, ки дар мактаби миёнаи рақами 5 ба номи Алишер Навоӣ бо таълиму тарбияи насли наврас машғул аст. Шояд саволе пайдо шавад, ки «Хайр, чӣ ҷои тааҷҷуб аст, ки 20 сол дар як мактаб меҳнат карда омада бошад?»

Таълимгоҳи номбурда нисбати мактабҳои дигари ноҳия андаке тафовут дорад. Таълиму тарбия дар ин маскан бо забони русӣ идома дорад. Аз ин ҷост, ки кору фаъолияти омӯзгорону мураббиён, бурду бохти кори таълиму тарбия, комёбию нокомиҳои хонандагон дар мадди назар ва эътибори волидони сахтгир меистад. Агар таълимгоҳҳои дигар ҳар сол хонандагони синфҳои якумро аз гирду атрофи мактабашон ҷалб намоянд, мактаби номбурда хонандагони худро аз саросари ноҳия қабул мекунад гӯем, саҳв намешавад. Волидони зиёде мехоҳанд, ки фарзандашон бо забони русӣ бихонанд, ин забони хориҷиро мукаммал омӯзанд. Дар байни падару модарон бо забони русӣ таҳсил кардани фарзандонашонро хоҳишманд буда сол то сол меафзояд.

Чунин ҳолат роҳбарияти маориф ва мактабро ба ҳолати душвор мегузорад. Норасоии синфхонаҳо, мизу курсиҳо ва ашёҳои таълимро бояд оҷилан ҳал намоянд. Абдунабӣ Бозоров ҳар сол бо ин гуна муаммоҳо пеш меояд. Бо давутози ҳайати омӯзгорон, роҳбарияти маориф, кӯмаки волидон муаммоҳои болоӣ ҳаллу фасл мегарданд.

Абдунабӣ Бозоров чун роҳбари кордон, омӯзгори ботаҷриба барои баланд бардоштани сифати таълим ба ҳаёт татбиқ намудани қонунҳои «Дар бораи таълим», «Дастури миллӣ оиди тайёр намудани кадрҳои ҷумҳурияти Ӯзбекистон» корҳои шоёни ибратро ба амал мебарорад. Беҳуда нест, ки сари синаи ӯро нишони «Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон» оро медиҳад.

Ӯ бидуни сарвари ҷомеаи омӯзгорон будан ба хонандагони синфҳои 8-9 аз фанҳои «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ӯзбекистон», «Асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ» сабақ меомӯзад. Онҳоро бо қонунҳои нави кишвари озоду мустақиламон ошно месозад, ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят мекунад. Беҳуда нест, ки ду соли охир тими хонандагони мактаб дар озмуни «Оё шумо қонунро медонед»? дар ноҳия ҷойи якумро ишғол намуда, дар мусобиқоти вилоятӣ ҷойҳои фахрии 2-3-ро ба даст меоранд.

**А. НУРИДДИНОВ,**
**вилояти Намангон.**

